**Генерал-полковник Шералӣ Мирзо - Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон** 24 майи соли 1967 дар деҳаи Гулободи ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон таваллуд шудааст.



Ӯ Омӯзишгоҳи олии фармондеҳӣ - муҳандисии кӯшунҳои ракетии шаҳри Перми Федератсияи Россия (соли 1989) ва Академияи умумикӯшунии Қувваҳои Мусаллаҳи Федератсияи Россияро (соли 2004) бо медали тилло хатм намудааст.

Номбурда солхои 1994-1995 дар вазифаи афсари калони шуъбаи тайёрии кӯшунии Раёсати омодагии чангии Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон ва солхои 1995-1996 командири Баталёни 7-уми алохидаи тирандози савораро ба ӯхда дошт.

Солхои 1996-1997 дар вазифаи командири кисми харбии 08014 ва аз мохи феврали соли 1997 то мохи ноябри соли 1997 дар вазифаи командири Бригадаи зудамали назди Президенти Чумхурии Точикистон адои хизмат намудааст.

Солхои 1997- 2002 бошад дар вазифаи командири кисми харбии 13483-и Вазорати мудофиа адои хизмат намудаст. Аз соли 2002 то соли 2004 Шунавандаи Академияи умумикӯшунии Куввахои Мусаллахи Федератсияи Россия буд.

Солхои 2004- 2005 дар вазифаи Сардори ситод-муовини аввали Фармондехи Кӯшунхои зудамали Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон ва солхои 2005-2006 Муовини Вазири мудофиа – Фармондехи Кӯшунхои хушкигарди Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон садокатмандона адои хизмат намудааст.

Аз соли 2006 то мохи ноябри соли 2013 дар вазифаи Муовини аввали Раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Чумхурии Точикистон - Фармондехи Сарраёсати Кӯшунхои сархадӣ фаъолият намудааст.

Бо мукофоти давлатӣ-орденхои «Шараф», «Спитамен», «Зарринточ» дарачаи II ва медали чашнии «20-солагии Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистон» сарфароз гардонида шудааст.

Бо Фармони Президенти Чумхурии Точикистон 21 феврали соли 2018 ба Вазири мудофиаи Чумхурии Точикистон генерал-лейтенант Шералӣ Мирзо рутбаи навбатии генерал-полковник супорида шуд.

Оиладор, сохиби 3 фарзанд мебошад.